# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Саидова Ситора Назаровна дар мавзуи «Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо», (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст: доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С. (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И. (аъзо) ва доктори илмҳои фалсафа Самиев Б.Ҷ. (аъзо) диссертатсияи Саидова Ситора Назаровна дар мавзуи **«Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо» (таҳлили иҷтимоӣ- фалсафӣ)**» ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон бахшида шудааст.

Ташхиси диссертатсия собит намуд, ки мавзуи мазкур дар масири ҳаёти иҷтимоиву сиёсии ҷомеаи тоҷик нишон медиҳад, ки дар ибтидоӣ солҳои 90 -уми асри XX ҷомеаи Тоҷикистон ба зиддияту низоъҳои шадиди иҷтимоӣ дучор гашта, оқибатҳои даҳшатбори онҳоро дар шакли ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ аз сар гузаронид. Аммо тоҷикон ҳамчун миллати сулҳпарвару бофарҳанг тавонистанд дар як давраи нисбатан кӯтоҳ усули пешгирӣ намудани онҳоро дар шакли “ваҳдати миллӣ” ва “ризоияти миллӣ” рӯйи кор оварда тавонистанд давлату миллати хешро аз хатари нобудшавӣ эмин нигоҳ доранд.

Аммо зикри ин андеша маънои онро надорад, ки акнун ҷомеаи мо аз зиддияту низоъҳо халос шудаву, мо ҷомеаи безиддияту бенизоъ сохтаем. Ҳаргиз чунин нест, чунки дар назарияҳои муосири илмҳои иҷтимоӣ эътироф гаштааст, ки зиддияту низоъ ҳамеша пайгири ҷомеаҳо буда, онҳо ҳамеша манбаи ҳаргуна тағйирёбию инкишоф ва пешрафти он маҳсуб меёбанд.

Қонунияти рушди ҷомеа нишон медиҳад, ки он созвораи ба таври динамикӣ инкишофёбанда буда, дар ҳар як зинаи рушди худ ба зиддиятҳое пеш меояд, ки онҳо садди роҳи инкишофи муназзаму устувори он мегарданд. Дар шароити зудтағйирёбандагии ҷомеа мавриди таҳқиқи илмӣ ва муайян намудани усул ва роҳҳои ҳалли онҳо аз вазифаи муҳими илми фалсафаи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

Тавре муаллиф дар диссертатсия муайян намудааст, падидаи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ характери глобалиро касб намуда, ҳамчун “тори анкабуд” давлатҳо ва минтақаҳои гуногуни оламро ба коми худ мекашад. Дар ин ҷараён шароитҳо ва омилҳое арзи вуҷуд менамоянд, ки дар доираи фаҳмиши қолабӣ бо истифодаи мафҳум ва категорияҳои анъанавӣ моҳияту оқибатҳои ин ҷараён, хусусан паёмадҳои онҳоро ба ҷомеаҳои тавсеаёфтаистода, муайян намудан хеле зарур ва саривақтӣ мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол бо садҳо кишварҳои дигар муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва

фарҳангиро роҳандозӣ намудааст. Ин раванд баробари оқибатҳои мусбат, баъзе муаммоҳоеро ба миён меоварад, ки боиси халалдор гаштани муназзамӣ ва осоиштагии ҷомеа мегарданд. Аз ҷумла сиёсати иродапарастонаи баъзе давлатҳои абарқудрат бахри ба даст овардани манфиатҳои геосиёсӣ ва марзӣ, кӯшиши ба даст даровардани имкониятҳои фарогир аз захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ, тавассути шабакаҳои интернет паҳнгаштани арзишҳои либералӣ ва неолибералӣ боиси он мегадад, ки пояҳои моддиву маънавӣ ва ахлоқи суннатии ҷомеаи тоҷикро таккон мебахшанд. Падидаҳои дар боло зикр гашта, ҷомеаро нафақат сӯи бадахлоқӣ, балки рафтори зишт, саркашӣ, шӯру ғавғоҳо ва низоъҳо равона менамояд.

Муаллиф зарурияти аз дидгоҳи нав таҳқиқ намудани мавзуи мазкурро боз дар он муайян менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паҳнои пасошӯравӣ аввалин давлате буд, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сар гузаронид. Дар раванди истиқрори сулҳу ризоият, тоҷикон усули пешгирии низои ба дараҷаи мусаллаҳона расидаро дарёфт намуд, ки он имрӯз дар афкори илмию иҷтимоӣ ҳамчун “модели тоҷикӣ”-и ҳалли зиддият ва низоъҳо муаррифӣ гаштааст.

Модели мазкур яке аз дастовардҳои муҳими миллати тоҷик бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди сулҳи тоҷикон буда, ҳамчун як мактаби миллӣ ташаккул ёфт ва онро мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода, ба ҷаҳониён муаррифӣ намудан аз вазифаҳои муҳими илмҳои ҷомеашиносӣ маҳсуб меёбад.

Муаллиф дар ду боб ҷанбаҳои умдатарини масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода аст. Мулоҳизаҳои муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур дар заминаи методҳои конструктивизми иҷтимоӣ, диалектикӣ ва парадигмаи синергетикӣ мавриди таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ қарор дода шудааст.

Нуқтаи муҳими диссертатсия аз он иборат аст, ки дар шароити бунёди ҷомеаи иттилоотӣ шаклҳои нави зуҳури зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар шакли мубориза мафкуравӣ, “ҷангҳои иттилоотӣ” (информационные войны) ба миён омада, бештар дар фазои маҷозии интернет ва дигар воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ дар шакли ҷангҳои шадиди ахборӣ сурат гирифта истодаанд;

Вусъати муборизаҳо бахри дигаргун сохтани мафкураи шахс ва ҷомеа, шуури муқаррарӣ ва психологияи ҷамъиятӣ зиддиятҳоро байни афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ афзоиш дода, ба амнияти ҷомеа таъсири манфӣ расонида, раванди устуворгардонии сулҳу суботро дар ҷомеа халалдор менамоянд. Ба андешаи муаллифи диссертатсия ҷараёни ҷаҳонишавӣ тамоми муаммоҳои ҳалталаби замони муосирро ба ҳам пайваста “кӯргиреҳе”-ро ба вуҷуд овардааст, ки он ба зиддиятҳои иҷтимоӣ хислати умумибашарӣ бахшидааст.

Хислати глобалӣ касб намудани зиддиятҳои иҷтимоии ҷомеаҳои модернизатсияшудаистода, пасосаноатӣ ва иттилоотӣ маҷмуи зиддиятҳои иҷтимоиро ба миён овардааст, ки дар онҳо омилҳои маънавӣ нисбат ба омилҳои моддиву иқтисодӣ нақши бештар мебозанд. Дар ин шароит ҳаёти

иҷтимоии ҷомеа ва шахс боз ҳам мураккабтар мегардад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва бухронҳои марзӣ, иҷтимоӣ-этникӣ, дур шудани инсон аз худ, аз олами маънавии худ ва инчунин аз олами гирду атроф сабабҳои ба вуҷуд омадани зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ мегарданд андозае барои ҳар як узви ҷомеа мушкилоти нав ба бор меоранд.

Таҷрибаи сулҳофарини тоҷиконро таҳлил намуда, муаллиф зикр менамояд, ки дар раванди ҳалли зиддият ва низоъҳои ба дараҷаи мусаллаҳона расида, нақши субъектҳои сиёсӣ меафзояд.

Ташхиси диссертатсия собит намуд, ки дар раванди тадқиқот сабабҳо ва омилҳои авҷ гирифтани зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон муайян карда шуда, чунин падидаҳо ба мисли гузашт кардан (компромисс) ва таҳаммулпазирӣ ба сифати фишангҳои муҳими ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудаанд.

Сатҳи коркарди мавӯъ хуб омӯхта шуда, манбаҳои истифода намудааш аз сарчашмаҳои аввал ва эътирофгаштаи илмӣ аст, ки ин аз мавҷудияти қобилияти мустақилона пеш бурдани корҳои илмӣ аз ҷониби ӯ гувоҳ медиҳад. Муаллиф вобаста ба мавзуи кори илмиаш мақолаҳо дар маҷаллаҳо интишор дода, дар анҷуманҳои илмӣ баромаду гузоришҳо кардааст.

Таҳқиқоти илмӣ, дастовардҳои методологии дар кор истифодашуда ва натиҷаҳои бадастовардашуда, бешубҳа, мазмуну мундариҷаи мафҳумҳо ва назарияҳои илмие, ки омили ташаккули арзишҳои маънавии ҷомеа мебошанд, ғанӣ мегардонад.

Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ ба талаботи меъёрҳои муқарраршуда мувофиқ буда, ҳамоҳанг бо қисмати навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд.

Ҷанбаи назариявию амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ кӯшиш кардааст, ки дар асоси таҳлил ва омӯзиши маводи мавҷуда, моҳияти зиддият ва низоъҳои иҷтимоиро муайян карда, таъсири онро ба рушди минбаъдаи ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ нишон диҳад.

**Навгонии мазкур ба сифати муқарраротри асосии таҳқиқот барои ҳимоя ба тариқи зайл пешниҳод карда мешаванд:**

**Навгонии таҳқиқоти мазкур аз он нуктаҳои зерин иборат:**

- муқаррар карда шуд, ки барои муайян намудани умумият ва фарқияти падидаи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ аз имконияти категорияҳои диалектика ба монанди моҳият ва зуҳурот, сабаб ва натиҷа истифода намуда, онҳоро ҳамчун инъикоскунандаи равандҳои пурихтилофи ҷомеа баррасӣ намудан ҷоиз аст;
- ҷойгоҳи чунин парадигмаҳо ба мисли фалсафаи конвенсиализм, конструктивизми иҷтимоӣ, дарки диалектикӣ ва синергетикии зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон муайян карда шуда, дар заминаи онҳо моҳият, хусусият ва омилҳои барангезандаи онҳо муайян карда шудааст;

- муайян карда шуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ, вусъати бемайлони технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ, аз он ҷумла, воридшавии ҷомеаи Тоҷикистон ба фазои глобалии интернет сабаби зуҳури шаклҳои нави зиддияту низоъҳои иҷтимоӣ дар шакли “ҷангҳои иттилоотӣ” гашта, ба рушди муназзаму устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон таҳдиду хатарҳо эҷод менамояд;
- муқаррар карда шуд, ки дар ҷомеаҳое, ки аз зинаи низои мусаллаҳона ба ҳолати пасонизоӣ ва сулҳу субот мегузаранд, нақши субъектҳои сиёсӣ (Лидерҳои сиёсӣ) меафзоянд;
- дар заминаи омӯзиши таҷрибаи нодир ва беназирӣ сулҳофарини тоҷикон муайян карда шуд, ки ташаккули “модел ва технологияи тоҷикӣ”-и ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дастоварди бузурги сиёсати сулҳпарваронаи миллати тоҷик буда, он на фақат аҳамияти миллӣ, балки фаромиллӣ дошта, онро метавон дар пешгирии зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар амалияи ҷомеасозии ҷаҳони муосир ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шавад.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, сотсиология, сиёсатшиносӣ мавриди истифодабарӣ қарор дод. Маводи диссертатсияро ҳангоми сохтани барномаю стратегияҳои миллӣ оид ба пешгирии равандҳои номатлуби ояндаи ҷомеаи Тоҷикистон истифода кард.

**Дар натиҷа ҳайти комиссия ба чунин хулоса омад:**

1. Рисолаи таҳқиқшуда дар мавзуи **«Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо» (таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ)»** ба рамзи ихтисоси фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ буда, яке аз масъалаҳои меҳварии он ба ҳисоб меравад;

2. Диссертатсия ба ихтиссоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

3. Мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат менамояд.
4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Саидова Ситора Назаровна дар 3 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба чоп расонида шудаанд;
5. Дар рисола натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва нишондиҳандаҳои амалӣ истифода шудааст
6. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Саидова С.Н. ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур таъйин карда шавад.
7. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Саидова С.Н. мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:
8. Ҳайдаров Р.Ҷ. доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба

номи А.Баҳоваддинови АМИТ;

9. Саидзода Д.М. доктори фалсафа (Phd), муаллими калони кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ;

10. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

11. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

1. **Раиси комиссия:**
Доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Ҷононов С.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Муминов А.И.

доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Самиев Б.Ч.

16.03.2023